**НУСХА**
**аз карори чаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»**

**27- уми марти 2024** ш. Бохтар

**Рӯзномаи ҷаласа:**

Ташкили ҳимояи якдафъаинаи диссертатсияи Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович дар мавзуи «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)). дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси шурои диссертатсионӣ доктори илмҳои педагогӣ Сатторов А.Э. баромад намуда, қайд намуд, ки тибқи қарори шурои диссертатсионӣ аз 5-уми ноябри 2022 №2 аз номи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани иҷозат ва ташкили ҳимояи якдафъаина дар заминаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 дархост пешниҳод гардида буд. Бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.03.2024, №06/ҲЯ барои ташкили ҳимояи якдафъаинаи диссертатсияи Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович дар мавзуи «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 – Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)). дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷозат дода шуд. Ҳайати шурои диссертатсионӣ дар ҳимояи мазкур 16 нафар ҳисобида шудааст. Ба диссертатсияи мазкур муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар таъин гардида буданд. Тибқи муқаррарот иҷозати расмӣ барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” ва таъин намудани санаи ҳимоя зарур аст.

Баъдан аъзоёни шурои диссертатсионӣ Холназаров С., Сафаров Ҷ. Абдураҳимов А.О. ва Гулова М.Т. ибрози андеша намуданд.

**Аз тарафи Шурои диссертатсионӣ чунин қарор қабул карда шуд:**

1. Диссертатсияи Абдуллоев Сӯҳроб Раҳматович дар мавзуи «Методикаи истифодаи робитаи байнифаннии физика бо биология барои рушди донишҳои хонандагон дар зинаи дуюми таҳсилоти миёнаи умумӣ»

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.01 - Назария ва методикаи таълими фанҳои табиӣ (таҳсилоти умумӣ)) ба ҳимояи якдафъаина қабул карда шавад.

2. Ба ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи . Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав” иҷозат дода шавад.

3. Санаи ҳимоя 1-уми июни соли 2024, соати 9 $^{00}$ таъин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Ойматова Ҳ.Х.**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС